Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 111 (4851) | ҶУМЪА, 13 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## САНГВОР ДАР ОЯНДАИ НАЗДИК ОБОДУ ЗЕБОТАР МЕГАРДАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони ноҳияи Сангвор**

**11-уми сентябри соли 2024, ноҳияи Сангвор**

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯзҳо мардуми шарифи Тоҷикистон Ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон, яъне 33-солагии Истиқлоли давлатии кишвари азизамонро таҷлил карда истодаанд.

Бо истифода аз фурсат бори дигар ҳамаи сокинони сарбаланди ноҳияи Сангвор ва шумо – ҳозирини гиромиро бо ин ҷашни бузурги миллӣ самимона табрик мегӯям.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ иброз намоям, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба шарофати соҳибистиқлолӣ дар зарфи беш аз сӣ сол барои пешрафту ободии ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, аз ҷумла ноҳияи Сангвор корҳои назарраси бунёдкориву созандагӣ амалӣ карда шудаанд.

Дар асоси нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳия сохтмони 80 бинову иншоот пешбинӣ гардида, то ба имрӯз корҳо дар 30 иншоот ба анҷом расонида шудаанд.

Имрӯз дар доираи сафари кории мо як қатор иншооту биноҳои навбунёд ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла, майдони Нишони давлатӣ, муҷассамаи Шоҳ Исмоили Сомонӣ ва бинои нави шуъбаи маорифи ноҳия бо тарҳи зебо ва сифати баланд бунёд карда шудаанд. Ҳамзамон бо ин, бо ташаббуси соҳибкорони ноҳия як ҳавзи моҳипарварӣ ва якчанд маркази савдову иншооти хизматрасонӣ ба истифода дода шуданд, ки ба рушди соҳаҳои мухталиф ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамоянд.

Бовар дорам, ки мардуми бонангу номуси ноҳия ба хотири боз ҳам ободу зебо гардонидани ин диёри зебоманзар, рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзию саноатӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ чун ҳамеша саҳми арзишманд мегузоранд.

Барои таъмин намудани рушди ноҳияи Сангвор ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони он дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 1,1 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Дар ин давра танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба ноҳия 850 миллион сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои пӯшонидани хароҷоти буҷети ноҳия 220 миллион сомонӣ маблағҳои мақсаднок ҷудо карда шудаанд.

Дар ноҳия ҷиҳати бунёду барқарорсозии иншооти маорифу тандурустӣ, дастрасии аҳолӣ ба неруи барқ, беҳтар намудани сифати роҳҳо, рушди соҳаи кишоварзӣ ва барқарорсозии инфрасохтори деҳот то ба ҳол нуҳ лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллион сомонӣ татбиқ гардида, ҳоло татбиқи боз се лоиҳа идома дорад. Инчунин, дар ин давра ба ноҳия ба маблағи беш аз 150 миллион сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст.

Илова бар ин, дар ноҳия «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ барои солҳои 2021 - 2025» амалӣ гардида истодааст, ки дар доираи он 174 лоиҳа ба маблағи умумии 148 миллион сомонӣ пешбинӣ шуда, то имрӯз 53 лоиҳа ба маблағи 71 миллион сомонӣ амалӣ гардидааст. То имрӯз иҷрои барнома аз рӯи лоиҳаҳо 30 фоиз ва аз рӯи маблағгузорӣ 48 фоиз таъмин шудааст, ки бо дарназардошти кам мондани мӯҳлати амалишавии он қонеъкунанда нест ва зарур аст, ки дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидори ноҳия зиёда аз 66 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки 62 миллион сомонии он қарзҳои хурд мебошанд.

Барои баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ ва тақвияти фаъолияти соҳибкории мардум, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва афзоиши пешниҳоди хизматрасониҳо муҳим аст, ки барои аҳолӣ ва соҳибкорон дастрасӣ ба воситаҳои молиявии бештар таъмин карда шавад.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 фоиз кам шудааст, ки нигаронкунанда мебошад. Чунин ҳолат андешидани тадбирҳои мушаххасро аз ҷониби роҳбарияти ноҳия ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав тақозо менамояд. Инчунин, дар ноҳия ҳамагӣ панҷ корхонаи саноатӣ фаъолият менамоянд, ки ин ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мутобиқат намекунад.

Зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва бунёди коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ чораҳои амалӣ андешида шаванд. Дар ин раванд, ба коркарди ниҳоии ашёи хом, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳаи кишоварзии ноҳия сол ба сол рушд намуда, бо зиёд гардидани майдони кишти зироатҳо, майдони боғҳо ва саршумори чорво истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсоли ғалладонагиҳо, картошка, сабзавот, мева, гӯшту шир, асал ва дигар намудҳои маҳсулот афзоиш ёфтааст.

(Давомаш дар саҳ. 3)

## ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ МИНТАҚАИ РАШТ

**11-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Сангвор бинои шуъбаи маорифи ноҳияро мавриди истифода қарор доданд.**

Тибқи лоиҳа бинои шуъбаи маориф аз се ошёна ва таҳхона иборат буда, дар доираи омодагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати мамлакат бо харҷи 5 миллион сомонӣ бунёд гардидааст.

Корҳои сохтмонӣ соли 2019 бо гузоштани санги асос аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз шуда, бино дар муҳлати муайяншуда бо тарҳи муосир ва риояи унсурҳои миллии шаҳрсозӣ сохта шудааст. Дар рафти корҳои сохтмонӣ 30 сокини маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин гардида буданд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои нави шуъбаи маорифи ноҳияи Сангвор даҳ ҳуҷраи корӣ ва 44 ҷойи нишаст дошта, ҳуҷраҳо бо мизу курсӣ ва дигар ашёи зарурӣ муҷаҳҳаз гардидааст.

Маҷлисгоҳ дар ошёнаи сеюми бино сохта шуда, 100 ҷойи нишаст дорад. Толор бо лавозимоти зарурӣ, аз ҷумла курсиҳои нав ҷиҳозонида шудааст. Минбаъд имкон аст, ки конфронсу мулоқот ва дигар чорабиниҳои маърифатию фарҳангӣ дар ин толор гузаронида шавад. Бино, ҳамчунин, дорои китобхона, бойгонӣ, ошхона ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасону шабакаи мустақили гармидиҳӣ мебошад. Дар ошёнаи сеюми бинои маъмурӣ меҳмонхонаи хурд дар се ҳуҷра таъсис дода шудааст. Бинои навбунёд бо гармидиҳӣ таъмин гардидааст.

Атрофи бинои шуъбаи маорифи




ноҳияи Сангвор чароғон ва сабзу хуррам гардонида шуда, ба маркази ноҳия зебоии хос зам мекунад.

Бо бунёд ва мавриди истифода қарор додани бинои шуъбаи маориф дар ноҳияи Сангвор барои кормандону мутахассисони соҳа шароити арзандаи корӣ фароҳам оварда шуд. Аҳли маорифи ин ноҳияи баландкӯҳ имкон доранд, ки фаъолиятро беҳтар ба роҳ монда, барои рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва таълиму тарбияи хонандагон саҳми муносиб гузоранд. Ҳоло дар ноҳияи Сангвор 58 муассисаи таълимӣ бо фарогирии 5 ҳазору 176 нафар хонанда фаъолият дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо иншооти нав ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба кормандони соҳаи маориф ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳсил, истифодаи васеи технологияҳои муосир, ҷалби хонандагон ба омӯзиши фанҳои табиатшиносию дақиқ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Қариб 50 дарсади кормандони шуъбаи маорифи ноҳияи Сангворро занон ташкил медиҳанд. Соли равон 22 нафар тибқи Квотаи президентӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои кишвар дохил шудаанд, ки 11 нафарашон духтар мебошанд. Дар маҷмӯъ, давоми солҳои охир 200 нафар духтари ноҳия тибқи Квотаи президентӣ ба муассисаҳои олии таълимӣ дохил шудаанд.

**11-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Сангвор маркази савдо ва меҳмонхонаи «Сайёҳ»-ро, ки дар доираи корҳои созандагию ободонӣ бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шудааст, мавриди истифода қарор доданд.**

Бинои меҳмонхона ва маркази савдо аз чор ошёна ва таҳхона иборат буда, бо тарҳи муосири меъморӣ сохта шудааст. Пас аз мавриди истифода қарор гирифтани иншоот 12 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки аз рӯи лоиҳа дар ошёнаи якуми бинои навбунёд мағозаи хӯрокворӣ ва дар ошёнаи дуюм мағозаи масолеҳи сохтмонӣ ва ҷиҳози рӯзгор ҷойгир аст. Дар маркази хизматрасонӣ пардохт тавассути технологияи муосир сурат мегирад.

Ошёнаҳои сеюму чоруми бино пурра барои меҳмонхона пешбинӣ шудааст. Дар ошёнаи сеюми бино қабулгоҳи сайёҳон, ҳуҷраҳои хоб ва толори гузаронидани семинару машварат ҷойгир аст. Ошёнаи чорум пурра аз ҳуҷраҳои хоб иборат мебошад. Дар маҷмӯъ, дар меҳмонхонаи «Сайёҳ», ки аз ҷониби соҳибкор Осим Сафаров сохта шудааст, даҳ ҳуҷра бо 15 ҷойи хоб мавҷуд аст.

Аснои шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои меҳмонхона Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба услуби кори меъморон ва сифати корҳои сохтмонию шароити фароҳамгардида баҳои баланд дода, сохтмони чунин иншоотро дар шароити имрӯза муҳим арзёбӣ карданд, зеро шумораи сайёҳон ба кишвари мо сол то сол зиёд мегардад.

Ба Роҳбари давлат иттилоъ доданд, ки дар оянда аз рӯи лоиҳа дар ошёнаи панҷуми бино барои истироҳату фароғати сайёҳону меҳмонон нишастгоҳи тобистона сохта мешавад, ки аз он тамоми манзараҳои зебои ноҳияи Сангвор намудор мегардад ва ин омил барои ҷалби бештари сайёҳон мусоидат мекунад.

Масоҳати умумии бино 820 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Атрофи он ба таври замонавӣ оро ёфта, суҳбаткадаҳо бо гулҳои ороишӣ ҳусни биноро боз ҳам зеботар гардонидааст. Дар рафти корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур 50 нафар бинокор ба кор ҷалб гардида, бо маоши хуб таъмин буданд. Насби чароғакҳои замонавии равшанидиҳанда ба намои берунаи иншоот шабона ҳусни тоза зам мекунад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат таъкид карданд, ки тавассути ноҳияи Сангвор ҳамасола сайёҳони зиёд гузашта, ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мераванд. Аз ин рӯ, бунёд кардани чунин меҳмонхона бо маркази савдо бо шароиту имкониятҳои муосир хеле муҳим мебошад.

Дар саҳни бинои баландошёна дар баробари дигар имкониятҳои истироҳатию фароғатӣ, таваққуфгоҳ барои дучархаҳо гузошта шудааст, ки барои сайёҳону меҳмонон пешбинӣ шудааст.

Ҳангоми суҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулони соҳаро ба истифодаи пурсамари имкониятҳои сайёҳӣ тавассути бунёди чунин иншооти замонавӣ ҳидоят намуданд.

Иншоот дар заминаи дастгирии давлатии бахши хусусӣ ва рушди соҳибкорию сайёҳӣ бунёд гардидааст. Ҳамин тавр бо бунёд шудани меҳмонхонаи «Сайёҳ» шумораи меҳмонхонаҳо дар ноҳияи Сангвор ба ҳафт адад расид.

(Давомаш дар саҳ. 2)

## ФОРУМИ БАЙНИПАРЛАМЕНТИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**11-уми сентябри соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷиҳати иштирок дар кори дуюмин Форуми байнипарламентии давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар мавзуи «Нақши парламент ва органҳои намояндагии ҳокимияти Осиёи Марказӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа» дар шаҳри Хива баргузор мегардад, ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар намуданд.**

Раиси Маҷлиси намояндагонро дар ин сафар раиси Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагон Ҷамшед Муртазозода, вакили Маҷлиси намояндагон Солеҳа Холмаҳмадзода ва роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Сатторзода ҳамроҳӣ менамоянд.

Худи ҳамон рӯз ҳайати парлумонии Тоҷикистон дар доираи сафарашон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Осорхонаи маркази шаҳри Тошканд дидан намуданд.




**12-уми сентябри соли 2024 ҳайати парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сафар ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар кори дуюмин Форуми байнипарламентии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар мавзуи «Нақши парламент ва мақомоти намояндагии ҳокимияти Осиёи Марказӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа» иштирок намуд.**

Дар оғози форум Раиси Сенати Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро ба иштирокчиёни форум расонид.

Сипас, дар назди иштирокчиёни форум Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода баромад намуда, суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи шашуми машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказиро, ки моҳи августи соли равон дар пойтахти Қазоқистон бомуваффақият баргузор гардид, махсусан қайд намуд: «Тақвияти ҳамгироии минтақавӣ дар хонаи умумии мо – Осиёи Марказӣ кори ихтиёрӣ нест, балки зарурати объективӣ мебошад. Боиси хушнудист, ки дар давоми шаш соли охир дар минтақа дар ин бобат дигаргуниҳои мусбат ба амал омаданд. Ин ба шарофати азму иродаи қавии сиёсии мо ва мустаҳкам шудани муҳити боварии ҳамдигарӣ ва пешгӯишаванда имконпазир гардид.

Дар шароити кунунии тағйироти босуръати ҷаҳон зарурати ташаккули дидгоҳи умумӣ баояндаи Осиёи Марказӣ ба миён омадааст.

Вазифаи мо аз он иборат аст, ки бо саъю кӯшиши муштарак як минтақаи пешрафта ва шукуфон бунёд кунем, ки дар он тибқи пешбиниҳои СММ то соли 2050 беш аз 100 миллион нафар зиндагӣ хоҳанд кард».

Изҳори хушнудӣ шуд, ки кишварҳои минтақа бар пояи принсипҳои ҳусни тафоҳум, эътимод ва эҳтироми ҳамдигар робитаҳои дӯстона ва шарикии бисёрҷанбаи мутақобилан судмандро барқарор ва пайваста пеш мебаранд.

- Итминон дорам, ки ҷаласаи имрӯза бахшида ба нақши парлумон ва мақомоти намояндагии Осиёи Марказӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ба рушди минбаъдаи ин равандҳо мусоидат намуда, ба кишварҳои мо имкон медиҳад, ки заминаи мусоидро таҳким ва густариш диҳанд, шароити расидан ба ҳадафҳои умумӣ – таҳкими сулҳу суботи минтақа, таъмини рушди муштарак ва зиндагии шоистаи халқҳоямонро таъмин намояд. Дар ин замина парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ҳамкориҳои фаъоли мақомоти қонунгузори кишварҳои мост.

Мо муколамаи ошкоро ва эътимодбахшро оид ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ муҳимтарин омили таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ мешуморем, - иброз дошт М. Зокирзода дар форум.

Таъкид гардид, ки бо назардошти асос ва ҳадафи амалӣ гардонидани ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи июни соли ҷорӣ Анҷумани байналмилалии парлумонҳо таҳти унвони «Захираҳои об ва устувории демографӣ ба манфиати ҷавонон»-ро баргузор намуд. Ин ҳамоиши байналмилалии парлумонӣ зарурати афзоиши саҳми вакилонро дар мубориза бо тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои обу энергетикӣ, таъмини амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ ва пешбурди лоиҳаҳо ва барномаҳои байналмилалӣ дар ин самтҳо тасдиқ кард.

- Мо ба наздикӣ чорабинии муҳими байналмилалӣ - Конфронси байналмилалии байнипарламентӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мегузаронем. Қабули Қонуни асосии кишвар барои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, инчунин, ба таъмини суботи конститутсионӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар кишвари мо заминаи мустаҳкам гузошт.

Аз фурсат истифода бурда, ҳамаи шуморо барои иштирок дар ин ҳамоиш, ки рӯзҳои 10-11 октябри соли равон дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, даъват менамоям, - изҳор намуд дар интиҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ МИНТАҚАИ РАШТ

(Идома аз саҳ. 1)

**11-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Сангвор бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ Нишони давлатӣ ва муҷассамаи Шоҳ Исмоили Сомониро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо нишони арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ дар пояи Нишони давлатӣ гулчанбар гузоштанд.

Нишони давлатӣ дар маркази ноҳия дар муддати қариб як сол бо санъати баланди меъморӣ ва истифодаи сангҳои ороишӣ бунёд шуда, баландии пояи он 25 метрро ташкил медиҳад. Лозим ба таъкид аст, ки Нишони давлатӣ дар ин гӯшаи дурдасти кишвар низ бо мақсади ҳифз ва арҷ гузоштан ба муқаддасоту асолати миллӣ бунёд шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин мавзеъ аз рӯи муҷассамаи бунёдгузори давлати бузурги Сомониён - Шоҳ Исмоили Сомонӣ парда бардоштанд. Муҷассама аз ҷониби ҳайкалтарош Алиҷон Бобошарифов бо санъати баланд сохта шудааст. Баландии муҷассамаи Шоҳ Исмоили Сомонӣ дар ноҳияи Сангвор 5,3 метр буда, дар умум бо таҳкурсӣ ба 9 метр мерасад. Дар ду паҳлуи муҷассама тандиси ду шер ҳамчун рамзи ҷасорату тавонмандии миллати тоҷик гузошта шудааст.

Масоҳати умумии гулгашти Нишони давлатӣ ва муҷассамаи Шоҳ Исмоили Сомонӣ 47 садяк заминро дар бар гирифта, корҳои сохтмонӣ аз тарафи бинокорони ташкилоти ҷамъиятии «Офиятбахш» бо сифати баланд ба анҷом расонида шудааст. Бунёди фаввора, насби нишастгоҳҳо ва масоҳати 2 ҳазор метри мураббаъ сабзкоришуда аз ҷумлаи корҳои дигари ободонӣ дар ин мавзеъ мебошад. Бо бунёди иншооти мазкур барои сокинону меҳмонони ноҳияи Сангвор боз як мавзеи хуби истироҳату фароғат муҳайё гардид.

Минбаъд сокинони сарфарозу заҳматпешаи Сангвор чун дигар гӯшаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар фазои сулҳу суботи сартосарӣ, бо шукргузорӣ аз пойдории ваҳдати миллӣ чорабиниҳои муҳими сиёсӣ, ҷашнҳои миллию давлатӣ ва оммавиро дар ин майдон таҷлил мекунанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ифтитоҳи иншооти мазкур ба масъулон ҷиҳати вусъат бахшидани корҳои сохтмонӣ дар дигар иншооти ҷашнӣ ва бо ин роҳ фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтари кору зиндагӣ ба аҳолӣ ва саҳм гузоштан дар рушди бахшу соҳаҳои иқтисоди миллӣ дастуру маслиҳатҳо доданд.



**11-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Сангвор бо роҳбарону фаъолон мулоқоти самимӣ доир намуданд.**

Нахуст, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи сокинони сарбаланди ноҳияи Сангвор ва иштирокдорони вохӯриро бо санаи муҳими таърихӣ – 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик гуфтанд.

Таъкид гардид, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар ба шарофати соҳибистиқлолӣ дар зарфи беш аз сӣ сол барои пешрафту ободии ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, аз ҷумла ноҳияи Сангвор корҳои назарраси бунёдкориву созандагӣ амалӣ карда шудаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз корҳои ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ёдовар шуда, иброз доштанд, ки дар ноҳияи Сангвор сохтмони 80 бинову иншоот пешбинӣ гардида, то ба имрӯз корҳо дар 30 иншоот ба анҷом расидааст.

Дар суханронии худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгирии давлатии ноҳия андешаронӣ карда, зикр намуданд, ки барои таъмини рушди ноҳияи Сангвор ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони он дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 1,1 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Дар ин давра танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба ноҳия 850 миллион сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои пӯшонидани хароҷоти буҷети ноҳия 220 миллион сомонӣ маблағҳои мақсаднок ҷудо карда шудааст.

Дар ноҳия барои бунёду барқарорсозии иншооти маорифу тандурустӣ, дастрасии аҳолӣ ба неруи барқ, беҳтар намудани сифати роҳҳо, рушди соҳаи кишоварзӣ ва барқарорсозии инфрасохтори деҳот то ба ҳол нуҳ лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллион сомонӣ татбиқ гардида, ҳоло татбиқи боз се лоиҳа идома дорад. Инчунин, дар ин давра ба ноҳия ба маблағи беш аз 150 миллион сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст.

Президенти кишвар иброз доштанд, ки илова ба ҳама тадбирҳо, дар ноҳия «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ барои солҳои 2021 – 2025» амалӣ гардида истодааст, ки дар доираи он 174 лоиҳа ба маблағи умумии 148 миллион сомонӣ пешбинӣ шуда, то имрӯз 53 лоиҳа ба маблағи 71 миллион сомонӣ амалӣ гардидааст.

Таъкид карда шуд, ки дар ноҳия ҳамагӣ панҷ корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд ва ин ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мутобиқат намекунад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва Вазорати саноат ва технологияҳои навро вазифадор карданд, ки ҷиҳати ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва бунёди коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ чораҳои амалӣ андешанд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла зиёд кардани майдони кишти зироатҳо, боғҳо ва саршумори чорво, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, Пешвои миллат ба роҳбарияти ноҳия ва масъулини соҳа супориш доданд, ки дар самти истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор чораҷӯйӣ намоянд.

Дар суханронии худ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин вазъи рушди соҳаҳои нақлиёт, маориф ва тандурустиро дар ноҳияи Сангвор таҳлилу баррасӣ намуда, ба масъулин ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо дастуру ҳидоятҳо доданд.

Ба аҳли ҷомеаи ноҳия муроҷиат намуда, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват намуданд, ки дар шароити пурҳаводису мураккаби ҷаҳони муосир бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошанд, ба тарбияи фарзандон, соҳиби илму дониш ва касбу ҳунар гардонидани онҳо эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Дар фароварди суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо боварӣ иброз доштанд, ки роҳбарият ва тамоми сокинони ватандӯсти ноҳия донишу таҷриба, малакаи касбӣ ва саъю кӯшиши худро барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар равона месозанд.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ сокинони ноҳия, кормандони касбу кори гуногун бо шукргузорӣ аз даврони соҳибистиқлолӣ суханронӣ карда, ба Сарвари инсондӯсташон барои таъмини шароити созгори кору зиндагӣ изҳори сипос намуданд

**11-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-ро мавриди истифода қарор доданд, ки барои 1280 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.**

Дар маҷмӯъ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28 дорои 33 синфхонаву ҳуҷраҳои корӣ мебошад. Дар синфхонаҳои фаннии химия, физика, технологияи иттилоотӣ ва ҳуҷраи инкишофи кӯдак мутобиқ ба талаботи замони ҳозира барои омӯзиш имконият фароҳам оварда шудааст.




Инчунин, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28 дорои маҷлисгоҳ бо 190 ҷойи нишаст, китобхона, ҳуҷраи хониш ва толори варзишӣ мебошад.

Зимни шиносоӣ бо шароити таълим Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи омӯзгорону хонандагонро ба истифодаи самарабахши аз имкониятҳои фароҳамшуда, омӯзиши илмҳои дақиқ, забонҳои хориҷӣ ва расидан ба қадри дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ҷалб намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки бунёди биноҳои нав, ворид намудани технологияи муосир барои омӯзиш ва дигар тадбирҳои Ҳукумати кишвар ба таъмини имрӯзу фардои босаодати насли наврас равона карда шудааст. Аз ин лиҳоз, таълимгирандагонро зарур аст, ки хонанд, илм омӯзанд, соҳибкасбу забондон ва ворисони шоистаи гузаштагони некном ва имрӯзиён бошанд.

Сохтмони бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28 соли 2019 оғоз гардида, дар асоси лоиҳа мутобиқ ба талаботи замони муосир ба анҷом расонида шудааст. Бо мақсади таъмин намудани гармӣ дар муассиса дегхона ва қубурҳои оби гарм насб карда шудааст. Инчунин, барои тарғиби варзиш ва тарзи ҳаёти солим дар саҳни муассиса ду майдончаи варзишӣ бунёд гардидааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шароити фароҳамшудаи омӯзишӣ баҳои баланд дода, омӯзгоронро ҷиҳати истифодаи судбахш аз имкониятҳои мавҷуда, таълиму тарбияи дурусти хонандагон, баланд бардоштани маънавиёти ҷомеа, тарғиби аҳамияти истиқлолу хештаншиносӣ ва ба воя расонидани кадрҳои лаёқатманд вазифадор намуданд.

**11-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои шуъбаи минтақавии муборизa бар зидди ҷиноятҳои муташаккили раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нурободро мавриди истифода қарор доданд.**

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои шуъбаи мазкур бо назардошти тамоми шароити корӣ ва маишӣ бунёд шудааст.

Имконоту шароити бунёдгардида барои кормандони шуъбаи минтақавии мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод, барои фаъолияти корӣ, зиндагӣ, машқу тамрин ва обутоби бадан, инчунин, сайқал додани донишҳои худ хосу мусоид буда, намунаи возеҳи таваҷҷуҳу ғамхориҳои Пешвои миллат ба кормандони милитсия ва хосатан ба мардум аст, зеро маҳаки асосии фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ин зиндагии осуда ва аҳлонаи мардум дар фазои комили суботу оромӣ, зери фазои Истиқлоли давлатии меҳан аст.

Зимни ифтитоҳи бинои мазкур Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити фароҳамгардида шиносоӣ пайдо ва таъкид намуданд, ки фаъолияти босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷомеа ҳаётан муҳим буда, муваффақияти кормандони соҳаи мазкур ба кордонӣ, донишҳои мукаммали зарурӣ, аз ҷумла сиёсӣ, оперативӣ ва фарҳанги баланди муносибат бо мардум вобастагии амиқ дорад.

Ҳукумати кишвар дар солҳои Истиқлоли давлатӣ барои таъмини шароити фаъолияти хубу натиҷабахши кормандони милитсияи тоҷик корҳои зиёди босамарро анҷом додааст ва барои оромиву таъмини волоияти қонун ва осудагии шаҳрвандон сиёсати мазкур ҳамвора зери таваҷҷуҳи Президенти кишвар қарор дорад.

Бояд зикр кард, ки дар соли ҷорӣ ин аввалин иншооти соҳа нест. Ин ҳама таваҷҷуҳу дастгириҳои Пешвои миллат ба хотири фаъолияти босамари кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аст, ки бо мақсади таъмини ҳуқуқи шаҳрвандону меҳмонон ва волояити қонун роҳандозӣ мешавад.

**11-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои мактаби ронандагии Муассисаи давлатии «Мададгори мудофиа»-и Вазорати мудофиаро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иншооти номбурда дар масоҳати 0,63 га бунёд ёфтааст. Корҳои сохтмонӣ соли 2020 оғоз ёфта буд ва фармоишгари иншоот Муассисаи давлатии «Минтақаи зериобшавандаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» мебошад.

Бино аз се ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои ҳуҷраҳои гуногуни таълими низомӣ ва ғайринизомӣ,



маҷлисгоҳ, ошхона, синфхона ва ҳуҷраи машқи тирпарронӣ бо истифода аз технологияи муосири лазерӣ мебошад.

Самти асосии фаъолияти мактаби мазкур ин омода намудани ронандагон ва ошпазон барои Қувваҳои Мусаллаҳ буда, раванди таълим аз рӯи нақшаи ҳарбикунонидашуда сурат мегирад.

Ҳамчунин, дар муассиса ҷиҳати омода намудани ронандагон дар дараҷаҳои гуногун аҳолии минтақаи Рашт низ мувофиқи хоҳиши худ метавонанд ҷалб шаванд.

Раванди таълим бо истифода аз нақлиёти сабукрав, боркаш, дастгоҳи махсуси бо компютер муҷаҳҳаз ва аёниятҳои дигар сурат мегирад. Дар маҷмӯъ, дар раванди омӯзиш дар мактаби мазкур нақлиёти дигар низ аз қабили мототсикл, квадросикл ва нақлиёти обӣ истифода мешавад.

Мактаби автомобилии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа барои омода намудани ронандагон метавонад хоҳишмандони минтақаи Раштро ба таҳсил фаро бигирад. Дар бинои мазкур, ҳамчунин, кумитаи ноҳиявии Ташкилоти мададгори мудофиаи ноҳияи Нуробод ҷойгир аст. Фаъолияти ташкилоти мазкур ба кор бо ҷавонон, аз ҷумла ба гузаронидани дарсҳои кушод дар муассисаҳои таълимӣ, омодагии дифоии ҳарбӣ, сафоройӣ, ба қисмҳо ҷудо кардани яроқи оташфишон, тирпарронӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, техникӣ ва омӯзиши техникаи бехатарӣ равона гардидааст. Дар муассиса мувофиқи талаботи раванди таълим то 15 нафар корманд ҷалб мешаванд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки омӯзгорон дар раванди таълим серталаб бошанд. Ифтитоҳи иншооти мазкур, ки барои ҷомеа зарур дониста мешавад, туҳфаи арзанда ба истиқболи Истиқлоли давлатӣ мебошад.

**11-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод хати оби нӯшокии «Шолидара-Дарбанд»-ро ба истифода доданд.**

Сарбанди асосии оби сарди поку мусаффо, ки аз пиряххо сарчашма мегирад, дар мавзеи Шолидара воқеъ аст ва аз маркази ноҳияи Нуробод дар масофаи 14 километру 420 метр дур мебошад. Аз ин масофа то ба шаҳраки Дарбанд оби нӯшокӣ бо қубури қутраш 273 мм тариқи худҷорӣ оварда шудааст. Он ба обанбори марказӣ, ки ғунҷоишаш ба 4000 метри мукааб баробар аст, ворид мегардад. Тавассути обанбор 3500 нафар аҳолии шаҳраки Дарбанд ва дигар иншооти ҳаётан муҳим бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мегардад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур моҳи сентябри соли 2018 оғоз гардида, дар муҳлати муайяншуда бо сифати баланд анҷом ёфт. Барои сари вақт ва дар муҳлати пешбинигардида анҷом додани корҳои сохтмонӣ 30 сокини маҳаллӣ бо кор таъмин гардида буд.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки бо сабаби афзоиши шумораи аҳолӣ дар шаҳраки Дарбанд талабот ба оби тозаи ошомиданӣ зиёд ва аз ин ҳисоб маҳдудият ҷорӣ гардида буд. Акунун бо мавриди истифода қарор гирифтани хати оби нӯшокии «Шолидара – Дарбанд» сокинони шаҳрак шабонарӯзӣ бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин шуданд.

Иқдоми мазкур дар асоси дастуру супоришҳои ҳамешагии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолии ноҳия ва деҳоти дурдасти кишвар амалӣ гардид.

Сарвари давлат масъулони соҳаро вазифадор намуданд, ки корҳои фаҳмондадиҳиро вобаста ба фарҳанги волои истифодаи об дар байни сокинон тақвият бахшанд. Таъмини оби тозаи ошомиданӣ ба сокинон ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта идомаи татбиқи ташаббусҳои шоистаи роҳбарияти олии давлат буда, он марҳила ба марҳила амалӣ карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи ин шабакаи оби ошомиданиро ғамхории навбатии Ҳукумати кишвар арзёбӣ намуданд.

**11-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод марҳилаи дуюми боғи фарҳангию фароғатиро мавриди истифода қарор доданд.**

Боғи мазкур дар масоҳати умумии 12,6 гектар аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо тарҳи муосир бунёд шуда, яке аз маконҳои асосии сайругашти сокинону меҳмонони ноҳия ва минтақа ба ҳисоб меравад.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки корҳои сохтмонӣ дар боғи фарҳангию фароғатӣ аз моҳи апрели соли 2022 оғоз ёфта, дар муҳлати муайянгардида ва бо сифати баланд ба анҷом расид. Ҳангоми бунёди иншоот беш аз 50 нафар сокини маҳаллӣ ба кори доимӣ ва мавсимӣ ҷалб гардиданд.

Маблағи харҷшуда дар марҳилаи дуюми бунёди боғи фарҳангию фароғатии шаҳраки Дарбанд 32 млн. 190 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Бо мавриди истифода қарор гирифтани марҳилаи дуюми иншооти фарҳангӣ, ки ба ҳусни ноҳия зебоии дигар зам кардааст, иловатан 15 нафар бо кор таъмин гардид.

Дар ҳудуди боғи нав амфитеатр бо 250 ҷойи нишаст, чойхона барои 40 ҷой, қаҳвахона, 5 атраксион барои дилхушии кӯдакон, 8 айвончаи соякафкан, ду майдончаи хурди варзишӣ барои бозиҳои футбол ва теннис, ду майдончаи бозии наврасон, ҳайкалчаҳои ҳайвонот, суҳбаткадаҳо сохта шудааст.

Бо мақсади зебову назаррабо гардондани боғи фарҳангию фароғатӣ даромадгоҳ ва роҳравҳои он сафолакпӯш гардида, дар боғ гулҳои рангоранги садбарг, мавсимӣ ва дарахтони нодири ороишию ҳамешасабз шинонида шудааст.

Мувофиқи нақшаи асосӣ дар ҳудуди боғ фаввора ва дигар таҷҳизоти дилхушӣ насб гардидааст, ки сокинону меҳмонони ноҳияи Нуробод дар ин макон метавонанд ба таври шабонарӯзӣ истироҳату фароғат намоянд.

Сарвари давлат ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ҷиҳати боз ҳам ободу зебо гардонидани ин макони дилфиребу фароғатӣ ба масъулон супоришҳои судманд доданд.

Пас аз ифтитоҳи марҳилаи дуюми боғи фарҳангию фароғатии шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 34 нафар ятим мулоқот намуда, ба онҳо туҳфаҳо тақдим карданд. Туҳфаҳои Президенти кишвар аз бастаи китобҳои дарсию бадеӣ, аёниятҳои хониш, либос ва кумаки пулӣ иборат буд.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбати самимӣ бо ятимон таъкид намуданд, ки ҳар як нафари онҳо таҳти ғамхории бевоситаи давлат қарор доранд ва барои тарбияву ба камол расиданашон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тадбирҳоро амалӣ менамояд. Аз ҷавонону наврасон танҳо хониши аъло, муҳаббат ба Ватан, гиромӣ доштани арзишҳои миллӣ ва дар заминаи дониши баланд ба роҳ мондани зиндагии шоистаро талаб карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон зимни суҳбати самимӣ онҳоро барои аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, илму донишҳои замонавӣ, интихоби дурусти касб ва дар оянда ба нафъи давлату миллат хизмат намудан ҳидоят карданд.

**www.prezident.tj**

***(Идомаи гузоришҳо аз ҷараёни сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба минтақаи Рашт дар шумораи навбатии рӯзнома нашр мешаванд).***





# НУРОБОД АЗ БАРАКАТИ ИСТИҚЛОЛ ЗЕБОВУ ЗАМОНАВӢ ШУДААСТ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Нуробод

11-уми сентябри соли 2024, ноҳияи Нуробод

**Ҳамдиёрони гиромӣ!**

Қабл аз ҳама, кулли мардуми заҳматқарини ноҳияи Нуробод ва ҳамаи шумо – ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори Ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон – 33-солагии Истиқлоли давлатӣ, ки ду рӯз пеш таҷлил гардид, самимона табрик мегӯям.

Боиси ифтихору сарбаландии ҳар яки мост, ки ҳоло дар кишвари азизамон ба шарофати Истиқлоли давлатӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ барои заҳмати созандаи сокинони мамлакат, зиндагии орому осуда, баргузор намудани ҷашнҳои милливу давлатӣ ва чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Мардуми водии Рашт, аз ҷумла ноҳияи Нуробод, бисёр заҳматдӯсту меҳмоннавоз мебошанд ва мо имрӯз натиҷаи азму иродаи қавӣ ва саъю талоши онҳоро ба хотири ободии ноҳия ва рушди устувори кишварамон баръало мушоҳида кардем.

Маркази ноҳияи Нуробод аз ҷумлаи шаҳрҳои навбунёде мебошад, ки аз баракати Истиқлоли давлатӣ ва таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат, инчунин, ташаббусҳои ватандӯстонаи сокинони он имрӯз ба як макони зебои замонавӣ табдил ёфтааст.

Дар ноҳияи Нуробод танҳо дар доираи нақшаи чорабиниҳои бунёдкориву ободонӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёду азнавсозии 233 иншоот ба нақша гирифта шудааст, ки то имрӯз корҳо дар 108 иншоот иҷро гардида, 46 фоизи нақшаро ташкил медиҳанд.

Мо имрӯз дар маросими ба истифода додани якчанд иншооти муосир, ки бо тарҳи милливу замонавӣ бунёд шудаанд, ширкат намудем ва корҳо дар самти бунёду азнавсозии даҳҳо иншооти дигар бомаром идома доранд.

Мушоҳида мегардад, ки бо ифтитоҳи иншооти гуногуни навбунёд симои ноҳия боз ҳам зебо гардида, ба яке аз гӯшаҳои обод ва хушманзари диёрамон табдил ёфта истодааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия беш аз 4 миллиард сомонӣ равона шудааст, ки 1,5 миллиард сомонии он аз ҳисоби буҷети давлатӣ мебошад.

То имрӯз дар ҳудуди ноҳия 14 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 400 миллион сомонӣ ба анҷом расида, татбиқи боз ҳашт лоиҳаи дигар идома дорад, ки дар доираи онҳо қариб 1,4 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст.

Лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва омӯзиши касбӣ, беҳтарсозии вазъи инфрасохтори барқрасонӣ, бунёду азнавсозии роҳҳои мошингард, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пешгирӣ кардани паҳншавии бемориҳои сироятӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои афзалиятнок амалӣ гардида истодаанд.

Илова бар ин, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, таъмин намудани рушди устувори ноҳия ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинони он «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2021 – 2025» амалӣ шуда истодааст, ки 265 лоиҳаро ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ дар бар мегирад.

То имрӯз 87 лоиҳа ба маблағи 40 миллион сомонӣ татбиқ гардидааст, ки ҳамагӣ 33 фоизи лоиҳаҳои умумии барномаро ташкил медиҳад. Яъне, ҷараёни амалишавии барнома ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои муайянгардида қонеъкунанда нест.

Мо се сол пеш дар маросими оғози татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Роғун – Обигарм – Нуробод иштирок карда будем. Лоиҳаи мазкур ҷиҳати ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон аҳамияти бисёр муҳим дорад. Барои амалӣ намудани қитъаи якуми ин лоиҳа қариб 2 миллиард сомонӣ сармояи давлатӣ ҷалб гардидааст.

Қитъаи якум бунёди зиёда аз 30 километр роҳ, 5 пули нав ва таҷдиди як пули мавҷуда, сохтмони ду нақб бо дарозии беш аз се километрро дар бар мегирад ва то охири ҳамин сол ба истифода дода мешавад.

Маблағи умумии қитъаи дуюми роҳ 1 миллиарду 600 миллион сомониро ташкил карда, дар доираи он бунёди 47 километр роҳ, 6 пули нав, таҷдиди як пули мавҷуда, як пули муваққатӣ, нақби Тагикамар ба дарозии 2,6 километр анҷом дода, ин қитъа низ аввали моҳи ноябри соли ҷорӣ ифтитоҳ мегардад.

Лоиҳаи мазкур, инчунин, сохтмони пули бузурги 920-метрӣ аз болои обанбори НБО «Роғун» ва роҳҳои ба он васлшавандаро дар бар мегирад, ки то имрӯз корҳои лоиҳакашии он анҷом ёфтаанд. Корҳои ин марҳала охири ҳамин сол оғоз мегарданд ва дар муддати ду – дуюним сол ба анҷом расонида мешаванд.

Баъди ифтитоҳи пурраи роҳи Роғун – Обигарм – Нуробод рафтуомади мусофирон ва ҳамлу нақли мол барои ҳамаи ноҳияҳои водии Рашт хеле осону мусоид мешавад ва барои робита бо кишварҳои хориҷӣ имконияту шароити муосир муҳайё мегардад.

Хотиррасон месозам, ки роҳи бунёдшудаистода шоҳроҳи байналмилалӣ мебошад ва тибқи меъёрҳои ҷаҳонӣ сохта ба истифода дода мешавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба сокинон ва соҳибкорони ноҳия беш аз 130 миллион сомонӣ қарз дода шудааст. Ҳаҷми қарзҳои додашуда дар соли 2023-юм 15 миллион сомонӣ ва танҳо дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 10 миллион сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба давраҳои қаблӣ мутаносибан 42 ва 34 фоиз зиёд мебошад.

Бо вуҷуди ин нишондиҳандаҳои зикршуда, бо дарназардошти ҳадафҳои гузошташуда дар самти рушди минтақаҳо ва дастгирии соҳибкорӣ, хусусан, соҳибкории истеҳсолӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, қонеъкунанда нестанд.

Бонки миллиро зарур аст, ки якҷо бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти ноҳия, хусусан, ба бахши истеҳсолӣ тадбирҳои иловагӣ андешад.

Ноҳияи Нуробод дорои захираҳои фаровони ашёи хом, махсусан, маҳсулоти кишоварзӣ буда, тавассути бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла доир ба коркарди маҳсулот ташкили ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, зиёд кардани содироти маҳсулоти ватанӣ ва афзоиши даромади аҳолиро таъмин кардан мумкин аст.

Дар ноҳия барои афзоиш додани истеҳсоли картошка, асал, бунёди боғҳои нав ва меваю сабзавоти аз лиҳози экологӣ тоза, инчунин, рушди сайёҳӣ имкониятҳои фаровон мавҷуданд. Вале бо вуҷуди мавҷудияти захираву имкониятҳои зиёд, аз ҷумла дар самти истеҳсоли маҳсулоти гуногун суръати рушди соҳаи саноат дар ноҳия қонеъкунанда нест.

Соли 2023 дар ноҳия ба маблағи ҳамагӣ 5,8 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст, ки ба ҳадафҳои гузошташудаи стратегӣ ва иқтидорҳои ноҳия мувофиқ намебошад. Инчунин, дар шаш моҳи соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳамагӣ 1,1 фоиз афзоиш ёфтааст, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд. Илова бар ин, дар ноҳия истеҳсоли либоси мактабӣ дар соли 2023 ва нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба роҳ монда нашудааст, ки хеле ташвишовар мебошад. Ҳол он ки мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намудем ва тамоми захираву имкониятҳоро барои расидан ба ин ҳадаф равона карда истодаем.

Соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияи Нуробод соҳаи калидӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад.

Соли 2023 истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия ба 315 миллион сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2022 ҳамагӣ се фоиз зиёд шудааст. Дар баробари ин, соли 2023 истеҳсоли картошка нисбат ба соли қаблӣ 19 фоиз, тухм 29 фоиз ва пилла 35 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2024 дар ноҳия ба маблағи 94 миллион сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6 фоиз зиёд мебошад.

Хотирнишон менамоям, ки роҳи асосии афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар истифодаи самараноку оқилонаи обу замин ва дигар иқтидору имкониятҳои мавҷудаи соҳа мебошад.

Ҳамаи шумо хуб медонед, ки дар шароити бисёр мураккаби ҷаҳони имрӯза масъалаи бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин кардани аҳолӣ аҳамияти аввалиндараҷа ва ҳаётӣ пайдо кардааст. Вале вазъ дар ин самт, бо дарназардошти имкониятҳои истифоданашудаи ноҳия, ҳоло ҳам қонеъкунанда нест. Тибқи маълумоти оморӣ, ба ҳолати 1-уми июли соли ҷорӣ майдони кишти ғалладона ва лӯбиёгиҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 190 гектар, аз ҷумла майдони кишти гандум 150 гектар кам гардидааст.

Илова бар ин, соли ҷорӣ дар ноҳия бо сабаби аз кор баромадани шабакаҳои обёрӣ 348 гектар заминҳои корами обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондаанд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки роҳбарону масъулин ба масъалаи истифодаи самараноки имконияту захираҳо, пеш аз ҳама, дар самти баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, истифодаи тухмиҳои хушсифат, беҳсозии ҳолати мелиоративии заминҳо ва афзоиш додани истеҳсоли картошка эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки доир ба зиёд намудани майдони боғҳо, алалхусус, боғҳои интенсивӣ, содироти меваю сабзавот ва ба ҳамин васила муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар ноҳияи Нуробод 55 бинои муассисаи таълимӣ барои беш аз 11 ҳазор хонанда бунёду азнавсозӣ карда шудааст.

Имрӯз дар ҷараёни сафар ба ноҳия боз якчанд бинои нави муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла бинои замонавии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳраки Дарбанд, ки бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат барои 1280 хонанда бунёд гардидааст, ба истифода дода шуд.

Ҷиҳати омода намудани мутахассисон барои соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тибқи Квотаи президентӣ 653 нафар хатмкардагони муассисаҳои таълимии ноҳия ба мактабҳои олӣ дохил шуда, то имрӯз 372 нафар, аз ҷумла 249 нафар духтарон баъди хатм дар соҳаҳои гуногуни ноҳия фаъолият карда истодаанд.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат дар бист соли охир дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 39 майдончаи варзишӣ бунёд гардида, мактабҳои ноҳия иловатан бо 25 кабинети фаннӣ таъмин карда шудаанд. Дар баробари ин, таъкид месозам, ки фарогирии кӯдакон ҳамагӣ 4,6 фоизро ташкил медиҳад, ки умуман қонеъкунанда нест.

Роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия якҷо бо Вазорати маориф ва илм бояд мушкилоти соҳаи маорифи ноҳия, аз ҷумла норасоии омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, фанҳои дақиқ ва фарогирии кӯдаконро ба муассисаҳои томактабӣ ҳар чӣ зудтар бартараф карда, иҷрои барномаҳои давлатии қабулшударо таъмин намоянд. Ҳамчунин, дар ноҳия норасоии мутахассисони баландихтисоси тиббӣ мушоҳида мегардад, ки ҳалли ҳар чӣ зудтари ин масъала вазифаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Вазъи ҷаҳони муосир ва мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим, болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ, низоъҳои тиҷоративу сиёсӣ моро водор месозад, ки ба хотири таъмин намудани бозори истеъмолии кишварамон бо маҳсулоти худӣ боз ҳам бештар заҳмат кашем.

Бинобар ин, мо бояд аз тамоми захираву имкониятҳое, ки дорем, пеш аз ҳама, обу замин, хусусан, заминҳои наздиҳавлигӣ ва президентӣ оқилонаву самаранок истифода бурда, ҳар чӣ бештар маҳсулот истеҳсол кунем, то ки мардумамон дар фасли тирамоҳу зимистони дарпешистода бо маводи ғизоӣ таъмин бошанд.

Яъне, кишоварзон ва умуман ҳамаи онҳое, ки бо замин сарукор доранд, бояд ба хотири ҳар чӣ беҳтар таъмин кардани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ саъю талош намоянд. Дар ин раванд, ҳар як оила бояд дар фикри истеҳсоли маҳсулот ва захираи маводи ғизоӣ барои на кам аз ду соли оянда бошад.

Фаромӯш набояд кард, ки вазъи ҷаҳони муосир аз мову шумо риояи ҳатмии талаботи қонуни танзим ва сарфаю сариштакориро дар ҳамаи масъалаҳои зиндагӣ ва рӯзгор талаб менамояд. Инчунин, омодагии ҳамаҷониба барои таъмин намудани фаъолияти мунтазам ва самарабахши ҳамаи соҳаҳо дар давраи тирамоҳу зимистони дарпешистода яке аз вазифаҳои муҳимтарини роҳбарону мутахассисон ва фаъолони ноҳия мебошад.

Дар ин самт корро тавре бояд ташкил кард, ки дар заминаи истифодаи оқилонаи ҳар як ваҷаб замин захираи маводи ғизоӣ дар ҳар як оила таъмин карда шавад. Инчунин, иншооти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, муассисаҳои таълимиву тандурустӣ, шабакаҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ, иншооти энергетикӣ ва хатҳои интиқоли неруи барқ бояд ба зимистон пурра омода бошанд.

Ҳар як оила бояд омодагӣ бинад, хонаҳои истиқоматӣ ба шароити зимистон омода бошанд, бояд дар ҳар як оила маводи ғизоӣ ва сӯзишворӣ захира карда шавад. Роҳбарону масъулон ва фаъолон бояд мардумро ба корҳои ободонии ҳар як хонаву кошона, маҳалли зист, кӯчаву хиёбон ва шаҳраку деҳот сафарбар намоянд.

Хотиррасон месозам, ки барои истиқболи сазовори Ҷашни муқаддаси миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бояд ҳар як сокини кишвар саҳми арзандаи худро гузорад. Зеро ҷашни истиқлолу озодии Тоҷикистон ҷашни ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа ва ҳар як шахси ватандӯсту ватандор мебошад.

Бовар дорам, ки мардуми ватандӯст ва созандаву бунёдкори ноҳияи Нуробод барои боз ҳам ободу зебо гардонидани диёри худ, сарзамини аҷдодӣ ва таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлоли худ минбаъд низ саъю талоши бештар хоҳанд кард.

Бори дигар кулли сокинони заҳматдӯсти ноҳия ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон маҳбубамон самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломатӣ, хонаи обод ва барору муваффақият орзу менамоям.

**Доимо тансиҳату сарбаланд бошед, ҳамдиёрони азиз!**

# САНГВОР ДАР ОЯНДАИ НАЗДИК ОБОДУ ЗЕБОТАР МЕГАРДАД

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони ноҳияи Сангвор

11-уми сентябри соли 2024, ноҳияи Сангвор

(Идома аз саҳ. 1)

Бо мақсади ба шуғл фаро гирифтани сокинони ноҳия, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагӣ ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ солҳои 1995 - 1997 аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии сокинони ноҳия 450 гектар замини корам ҷудо карда шуда буд. Илова бар ин, дар даврони соҳибистиқлолӣ ба сокинони ноҳия 170 гектар замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шудааст, ки ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намудааст.

Дар натиҷа, соли 2023 дар ноҳия ба маблағи 331 миллион сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба соли аввали соҳибистиқлолии кишвар 42 баробар зиёд мебошад.

Бо вуҷуди дар минтақаи кӯҳистон ҷойгир будани ноҳия, соли 2023 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони беш аз 3 ҳазор гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуда, дар муқоиса бо давраи аввали соҳибистиқлолӣ қариб 1700 гектар ё 2,2 баробар зиёд шудааст.

Кишти ғалладонагиҳо дар муқоиса бо соли 1991-ум 6 баробар, картошка - 12, сабзавот - 7 ва майдони боғҳо ҳашт баробар зиёд гардидааст.

Ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагиҳо дар ин давра 34 баробар, картошка - 41, сабзавот - 28, мева - 79, гӯшт - 76, шир - 11 ва асал 40 баробар афзоиш ёфтааст.

Дар шаш моҳи соли 2024 кишоварзони ноҳия ба маблағи 35 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 фоиз зиёд мебошад. Бо вуҷуди ин, ба ҳолати 1-уми июли соли 2024 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта майдони кишти зироатҳо, дар умум, 4,2 фоиз, аз ҷумла ғалладонагиҳо 32 ва сабзавот 21 фоиз кам шудааст, ки андешидани тадбирҳои иловагиро тақозо менамояд.

Ба роҳбарияти ноҳия ва масъулини соҳа зарур аст, ки дар самти истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор чораҷӯйӣ намоянд.

Дар самти раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ то имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат корҳои зиёд амалӣ гардидаанд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ асосноккунии техникиву иқтисодии роҳи мошингарди Лабиҷар – Сангвор – Қалъаихумб ба маблағи 5,5 миллион сомонӣ гузаронида шудааст. Татбиқи лоиҳаи мазкур имкон медиҳад, ки 135 километр роҳ аз ҳудуди ноҳия дар самти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бунёду азнавсозӣ карда шавад.

Ҳадафи мо аз бунёди инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаи Рашт аз он иборат аст, ки рушди соҳаҳои мухталифи ноҳияҳои водӣ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро таъмин намуда, дар ин замина даҳҳо ҳазор ҷойи кории нав таъсис диҳем ва сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем.

Вазорати нақлиёт ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки корҳоро дар самти дарёфти сармояи хориҷӣ ҷиҳати бунёду барқарорсозии роҳи мошингарди Лабиҷар – Сангвор – Қалъаихумб тақвият бахшанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маорифи ноҳия аз ҷониби Ҳукумати мамлакат мунтазам зиёд карда шуд. Бо истифода аз маблағҳои ҷудогардида бунёди муассисаҳои таълимии ба талаботи замона ҷавобгӯй, бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудани онҳо, боло бурдани сатҳу сифати таълиму тарбия ва омода кардани кадрҳои баландихтисос амалӣ карда шудааст.

Дар ин давра дар ноҳияи Сангвор 68 иншооти соҳаи маориф, аз ҷумла се муассисаи томактабӣ, 21 маркази инкишофи кӯдак, 44 бинои нави мактаб ва биноҳои иловагӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Дар натиҷа, шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ноҳия нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ 52 фоиз зиёд гардид.

Ҳоло дар ноҳия бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат сохтмони бинои иловагӣ дар ҳудуди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1 бомаром идома дорад. Вале бояд гуфт, ки дар ноҳияи Сангвор норасоии омӯзгорони ихтисосманди фанҳои дақиқ ва забонҳои хориҷӣ, камбуди китобҳои дарсӣ, нокифоя будани кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои таълимӣ ва таъмирталаб будани як қатор муассисаҳои таълимӣ мушоҳида мегардад, ки барои бартараф кардани онҳо бояд тадбирҳои мушаххас андешида шаванд. Дар баробари ин, масъалаи норасоии табибони оилавӣ дар муассисаҳои тандурустии ноҳия низ бояд ҳар чӣ зудтар ҳаллу фасл карда шавад.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои ҳалли масъалаи зикршуда ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ корҳоро тақвият бахшад.

Ҳамчунин, таъкид месозам, ки дар шароити пурҳаводису мураккаби ҷаҳони муосир мо бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошем, ба тарбияи фарзандон, соҳиби илму дониш ва касбу ҳунар гардонидани онҳо эътибори аввалиндараҷа диҳем. Зеро фарзандони мо давомдиҳандагони кори мову шумо ва соҳибониояндаи Ватан ва давлати соҳибистиқлоли мо мебошанд.

Чуноне ки шумо мушоҳида мекунед, амалисозии нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати кишвар ба рушду тараққиёти ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла ноҳияи Сангвор мусоидат карда, дарояндаи наздик ноҳия аз ин ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии сокинон боз ҳам беҳтар мегардад.

Барои рушди минбаъдаи ноҳия ва баланд бардоштани некуаҳволии ҳар як оила дар самти боз ҳам афзоиш додани картошкапарварӣ, чорводорӣ, занбӯриасалпарварӣ, боғдорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза имкониятҳои зиёд мавҷуданд, ки сарчашмаи хуби ташкили ҷойҳои нави кор мебошанд.

Илова бар ин, тавассути ташкили коргоҳу корхонаҳои коркарди меваю сабзавот, ҷамъовариву коркард намудани гиёҳҳои шифобахш, дӯзандагӣ ва ҳунармандиву косибӣ шумораи зиёди сокинон, аз ҷумла занону духтаронро бо ҷойи кор таъмин кардан мумкин аст.

Бовар дорам, ки роҳбарият ва тамоми сокинони ватандӯсти ноҳия донишу таҷриба, малакаи касбӣ ва саъю кӯшиши худро барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар равона месозанд.

Дар охир барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда ва амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳои созанда ба сокинони ватандӯсту заҳматқарини ноҳия ва ба ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ барори кор мехоҳам.

**Доимо хушбахту пирӯз бошед!**

# ФОРУМИ БАЙНИПАРЛАМЕНТИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

(Идома аз саҳ. 1)

**12-уми сентябр дар доираи Форуми байнипарлумонии давлатҳои Осиёи Марказӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Сенати Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот таъкид гардид, ки комёбиҳои дар минтақа бадастомада бешубҳа натиҷаи саъю кӯшиши сарони давлатҳо мебошад.

Инчунин, дар мулоқот ғанӣ гардонидани робитаҳои байнипарлумонӣ бо мазмуни нав ва истифодаи самараноки назорати парлумонӣ дар татбиқи тавофуқоти дар сатҳи олӣ ҳосилшуда баррасӣ шуданд.

Зарурати боз ҳам баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ ва комиссияҳои ҳамкорӣ таъкид шуд. Ҳамзамон, дар бораи такмили заминаи ҳуқуқӣ дар самтҳои муҳимтарини ҳамкории кишварҳои минтақа ва роҳандозии табодули таҷриба миёни мақомоти намояндагии маҳаллӣ мувофиқа ҳосил шуд.

Таъкид гардид, ки муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар сатҳи боварибахш рушд карда истодааст ва мардуми ду кишвар аз таҳкиму тавсеаи робитаҳо қаноатманд ҳастанд.

**12-уми сентябри соли 2024 дар доираи Форуми дуюми байнипарлумонии кишварҳои Осиёи Марказӣ мулоқоти роҳбарони дастгоҳҳои парлумонҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд.**

Дар мулоқот роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Сатторзода таъкид намуд, ки иштироки кормандони парлумон дар иҷрои масъалаҳои дар ҷараёни анҷуман баррасишуда, пешниҳоду ташаббусҳои ба миён гузошташуда ва вазифаҳои муайяншуда аҳамияти хоса дорад.

Дар татбиқи барномаву лоиҳаҳое, ки ба рушди ҳамкории парлумонҳо, равобити комиссияҳои байнипарлумонӣ ва гурӯҳҳои дӯстӣ нигаронида шудаанд, саҳми кормандони парлумон муҳим арзёбӣ гардид.

Зимни суҳбат роҳбарони дастгоҳҳои парлумонҳо оид ба мунтазам роҳандозӣ намудани ҳамкориҳо табодули афкор намуда, доир ба таҳлили раванди рушди робитаҳои байнипарлумонӣ, такмили ҳамкории хадамоти илмию экспертӣ ва иттилоотию таҳлилии парлумонҳои кишварҳои минтақа мувофиқа ҳосил шуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 15 октябри соли 2024 музоядаи №44-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Воситаҳои асосӣ (чорвопарварӣ) | ноҳияи Ёвон, деҳоти Даҳана, деҳаи Чавонӣ | 2,4 | 1630,7 | 276697 |
| 2 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Ёвон, деҳоти Ситораи Сурх, деҳаи Чӯпонобод | 0,25 | 376,8 | 190843 |
| 3 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Ёвон, шаҳраки Ҳаёти нав, деҳаи Ҳамза | 0,15 | 498,4 | 343130 |
| 4 | Заводи пахтатозакунии «Анахит» | ноҳияи Ёвон, деҳаи Г. Юсуфова, деҳаи Тутбулоқи нав | 0,52 | 2151,5 | 3750031 |
| 5 | Бинои меҳмонхона дар ноҳияи Ёвон аз ҳисоби ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» | ноҳияи Ёвон, кӯчаи Ленин 2 | 0,05 | 344 | 3970806 |
| 6 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Норак | шаҳри Норак, кӯчаи Ленин 11 | 0,02 | 203 | 1632343 |
| 7 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Бохтар, деҳоти Зарғар, деҳаи Бешкаппа | 0,09 | 423,3 | 606410 |
| 8 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Бохтар | шаҳри Бохтар, кӯчаи Мирзоқодиров 3 | 0,1 | 658 | 5293585 |
| 9 | Корхонаи хурди равғанбарорӣ | ноҳияи Вахш, шаҳраки Киров, шуъбаи 1 б/р | 0,24 | 2419,0 | 1026140 |
| 10 | Корхонаи коркарди пахта бо таҷҳизот дар ноҳияи Вахш - ҶДММ «Файзи Вахш» аз ҳисоби ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» | ноҳияи Вахш, деҳоти Рӯдакӣ, деҳаи Чапаев | 1,66 | 3 332 | 50042155 |
| 11 | Заводи пахтақабулкунӣ ва коркард | ноҳияи Хуросон, деҳоти Ҳилолӣ, деҳаи Пахтаобод | 14,2 | 1618,0 | 1029533 |
| 12 | Қисми фермаи чорводорӣ | ноҳияи Ҳамадонӣ, деҳоти Турдиев, деҳаи Иқбол | 3,9 | 5476,7 | 1369175 |
| 13 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Куйбишев | ноҳияи А.Ҷомӣ, шаҳраки Куйбишев, кӯчаи Сомониён 6 | 0,14 | 399,6 | 2132104 |
| 14 | Заводи пахта | ноҳияи А.Ҷомӣ, шаҳраки А.Ҷомӣ, кӯчаи Озодӣ б/р | 1,0 | 1493,0 | 4652350 |
| 15 | Корхонаи коркарди ашёи хоми пахтаи ҶДММ «Файзи Вахш» аз ҳисоби ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» | ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, шаҳраки Куйбишев 1 | 2,8 | 4 347 | 40073535 |
| 16 | Молу мулки ғайриманқул иборат аз биноҳо ва иншоот | ноҳияи Ҷ.Балхӣ, деҳоти Маданият, деҳаи Роҳи оҳан, ҶДММ «Агро Фуд Голд» | 2,47 | 3369,2 | 1249740 |
| 17 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Восеъ | ноҳияи Восеъ, шаҳраки Восеъ, кӯчаи И.Сомонӣ 41 | 0,10 | 579,9 | 1445042 |
| 18 | Заводи равған, консерва, пахта ва фабрикаи ресандагӣ | ноҳияи Восеъ, кӯчаи Умари Хайём 18 | 24,9 | 25865,1 | 15422211 |
| 19 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Восеъ | ноҳияи Восеъ, деҳоти Рӯдакӣ, деҳаи Навобод | 0,15 | 393 | 3046613 |
| 20 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Данғара | ноҳияи Данғара, кӯчаи Умари Хайём 1а | 0,14 | 1 027 | 10270500 |
| 21 | Ҳафт адад бинои 9-ошёна дар ноҳияи Данғара (нотамом) | ноҳияи Данғара, маҳаллаи 7 | 2,06 | 28 644,0 | 118872600 |
| 22 | Фабрикаи ресандагӣ бо таҷҳизот дар ноҳияи Данғара (нотамом) | ноҳияи Данғара, маҳаллаи 7 | 4,1 | 15 120,0 | 146882779 |
| 23 | Бинои 9-ошёна дар ноҳияи Данғара (нотамом) | ноҳияи Данғара, маҳаллаи 7 | 0,0 | 4 092 | 16981800 |
| 24 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Қубодиён | ноҳияи Қубодиён, шаҳраки Қубодиён, кӯчаи Марказӣ 33 | 0,20 | 742,7 | 3777865 |
| 25 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Панҷ | ноҳияи Панҷ, шаҳраки Панҷ, кӯчаи Рӯдакӣ 47 | 0,24 | 548,0 | 1803742 |
| 26 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Муъминобод | ноҳияи Муъминобод, шаҳраки Муъминобод, кӯчаи А.Давлатов 34 | 0,56 | 888,5 | 4 669 230 |
| 27 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Муъминобод | ноҳияи Муъминобод, деҳоти Ленин, кӯчаи И.Сомонӣ | 0,09 | 376 | 3379500 |
| 28 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Ховалинг | ноҳияи Ховалинг, кӯчаи И.Сомонӣ | 0,1 | 505 | 3826709 |
| 29 | Фабрикаи ресандагӣ дар ноҳияи Фархор - ҶДММ «Адолат» (нотамом) | ноҳияи Фархор, деҳоти Зафар | 4,56 | 7 391 | 73674403 |
| 30 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Дӯстӣ | ноҳияи Дӯстӣ, деҳаи Чиликӯл, кӯчаи Каримов 1 | 0,31 | 1049,6 | 4940097 |
| 31 | Заводи пахта | ноҳияи Дӯстӣ, деҳоти Нури Вахш, деҳаи Гогол б/р | 5,1 | 6307,8 | 2431283 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 27 сентябри соли 2024 музоядаи № 46-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Ҳолати воқеӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шарбати «Манго» дар зарфи ғунҷоишаш 0,250 мл | адад | 2640 | мӯҳлати истифодабарӣ то 30 ноябри соли 2024 | 7920 |
| 2 | Маҳсулоти қаннодии шоколади навъи «Феникс», вазни як қуттӣ 6 кг, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 540 қуттӣ | 3240 кг | мӯҳлати истифодабарӣ то 5 октябри соли 2024 | 22680 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

# КУМИТАИ ДИН, ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:

**1. Сармутахассиси раёсати таҳлил ва ташхиси диншиносии кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

*Маоши мансабӣ - 2204 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**2. Сармутахассиси бахши таҳсилоти динии кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

*Маоши мансабӣ - 2204 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**Барои иштирок дар озмун аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:**

- ариза ба номи раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона сурати андозаи 4х6 (маълумоти шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли №038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

**Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати 21 рӯзи баъди чопи аввалини эълон дар шакли хатӣ қабул карда мешаванд.** *e-mail: info@din.tj*

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Низоми Ганҷавӣ 420, индекс: 734043, телефон 233-69-65.**

**Сомонаи кумита - www.din.tj, сомонаи Агентии хизмати давлатӣ - www.ahd.tj**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 424788 | Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороиши шаҳри Душанбе» | Истеҳсол ва насби тахтаҳои баннерӣ бо навиштаҷот | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 16.09.2024 15:10:00 |
| 2 | 424789 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Асфалти гарми майдадона | Озмуни кушод | Мол | 1 | 27.09.2024 15:05:44 |
| 3 | 424792 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни кушод | Мол | 18 | 27.09.2024 16:00:00 |
| 4 | 424772 | Муассисаи давлатии тандурустии «Таваллудхонаи вилояти Суғд» | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 39 | 01.10.2024 08:08:08 |
| 5 | 424790 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №2-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 35 | 01.10.2024 08:10:27 |
| 6 | 424795 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Душанбе | Таъмири ҷорӣ, корҳои электромонтажӣ ва сантехникӣ дар филиали давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 01.10.2024 08:45:00 |
| 7 | 424796 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон» дар ноҳияи Қубодиён | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 01.10.2024 11:50:45 |
| 8 | 424797 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Вахши вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 01.10.2024 12:00:10 |
| 9 | 424798 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Битум | Озмуни кушод | Мол | 1 | 01.10.2024 14:00:00 |
| 10 | 424799 | Муассисаи давлатии вилоятии «Кохи фарҳанги ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» дар вилояти Суғд | Микшери пулти рақамӣ ва компютери фардӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 01.10.2024 14:45:15 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (МЗСЗН)

## ПРОЕКТ МОДЕРНИЗАЦИИ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ И ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ
## ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ НА ПОЗИЦИЮ СПЕЦИАЛИСТА ПО СВЯЗЯМ С ОБЩЕСТВЕННОСТЬЮ И КОММУНИКАЦИЯМ

**Дата выпуска: 13.09.2024**
**Дата закрытия: 27.09.2024**

**СПЕЦИАЛИСТ ПО СВЯЗЯМ С ОБЩЕСТВЕННОСТЬЮ И КОММУНИКАЦИЯМ**

Специалист по связям с общественностью и коммуникациям будет оказывать поддержку КГП МЗСЗН в реализации мероприятий, связанных с повышением уровня осведомленностью общества и потенциальных бенефициаров о программе предоставления адресной и единовременной социальной помощи, интегрированной системы кейс-менеджмента.

**КВАЛИФИКАЦИОННЫЕ ТРЕБОВАНИЯ И ОПЫТ РАБОТЫ**

Специалист по связям с общественностью и коммуникациям менеджмента должен соответствовать следующим квалификационным требованиям:

• Высшее образование в области социальных наук, коммуникации или других смежных областях;

• Опыт работы в СМИ, связей с общественностью, в координации деятельности с международными организациями или похожих областях;

• Опыт взаимодействия с государственными органами Таджикистана и НПО, работающими в сфере социальной защиты.

• Свободное владение таджикским и русским языками. Знание английского языка является преимуществом;

• Опыт и знания коммуникационных платформ, таких как социальные сети, печатные СМИ, ТВ и радиоканалы, отличные письменные, аналитические и коммуникативные навыки;

• Навыки и опыт в аналитике и обработке данных, подготовки и организации PR-кампаний, медиа планирование, выстраивание отношений с общественностью, работа с общественными организациями, управление деликатными социальными вопросами, эффективные консультации с общественностью, навыки и опыт в написании отчетов;

• Навыки работы с компьютером умение работать с различными сайтами, знания в области дизайна сайтов, фотографии и видеозаписи;

• Готовность к частым командировкам на проектные объекты по всей стране.

• Отличные коммуникативные навыки, честность и чувство ответственности.

Ожидаемая продолжительность работ по вышеупомянутым позициям намечена в период с 2024 года по 30 июня 2027 года.

МЗСЗН приглашает отвечающих требованиям участников выразить свою заинтересованность в замещении вакантных должностей в Группе реализации «Проекта модернизации социальной защиты и экономической интеграции». Заинтересованные лица должны предоставить данные, свидетельствующие об их квалификации для выполнения услуг (CV, копии документов, подтверждающих соответствующую квалификацию и навыки, опыт и функции, связанные с заданием, описание аналогичных выполненных работ, рекомендательные письма и т.д.). Специалисты будут отобраны в соответствии с процедурами, указанными в руководстве Всемирного банка: Отбор и найм консультантов в рамках займов МБРР и кредитов и грантов МАР заемщиками Всемирного банка от 1-го июля 2016 года (пересмотренное в ноябре 2017 года и августе 2018 года). Внимание заинтересованных лиц обращается на параграфы 3.14, 3.16 и 3.17 раздела III руководства Всемирного банка, в которых излагается политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов и права на участие.

Заинтересованные кандидаты могут получить дополнительную информацию по адресу procurement@tec-19.com в рабочие дни **с 08:00 до 17:00 часов.**

Выражения заинтересованности должны быть доставлены по указанному ниже адресу до **25 сентября 2024 года, 14:00** местного времени по нижеследующему адресу:

**Группа реализации «Проекта модернизации социальной защиты и экономической интеграции» при Министерстве здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан.**

**Город Душанбе/Таджикистан, улица Шевченко 69, (10 этаж, здание МЗСЗН), электронная почта: procurement@tec-19.com**

# ЭЪЛОН!

ҶДММ «Сайёҳон» ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон мерасонад, ки аз ҷониби корхона шиноснома, телефонҳои мобилӣ, аз ҷумла «Самсунг», «Айфон», «Редми», кортҳои миллӣ, корти «Visa», ҳуҷҷатҳои хона ва ғайра ёфт шудаанд. Аз ҷумла, шиноснома ва ҳуҷҷати ронандагии Алиев Беҳрӯз Маҳмасалиҳович ёфт шудааст. Хоҳишмандем, шаҳрвандон барои гирифтани маълумот бо телефони 773333317 муроҷиат намоянд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2022 ба Қаюмзода Аюбҷон Зайниддинович додааст, эътибор надорад.

Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 ба Ниёзов Абдуғанӣ додааст, эътибор надорад.

Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2023 ба Ғафлатзода Ёсин додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи бинои якошёнаи сабти овоз, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Савдо ба Давлатшоев Р.Ҳ. додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи меҳнатии гумшуда (бо дубликати силсилаи ОТ-1№1015697), ки соли 1976 дар хоҷагии «Съезди XXI партия»-и ноҳияи Пролетар (ҳоло ноҳияи ба номи Ҷаббор Расулов) ба номи Раҳматов Салоҳиддин Собирович (ҳоло Раҳматзода Салоҳиддин Собир) ба расмият даровarda шудааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 31882-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 28 октябри соли 2019 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, деҳоти Деҳқонобод, деҳаи Гаҷак ба Достиев Дилшод додааст, эътибор надорад.

Шартномаи гумшуда оид ба ҳиссагузорӣ дар сохтмони бинои истиқоматии 9 (нуҳ) ошёна, ки 10-уми феврали соли 2024 таҳти №308 байни ҶДММ «Асрор-С» ва Ҳайдарова Уғулой Мамуровна (с.т. 01.09.соли 1992) бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Асирӣ, блоки Е, ошёнаи 1 баста шудааст, эътибор надорад.

Шартномаи гумшудаи ҳадяи квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 11-уми ноябри соли 1998 таҳти феҳрасти №8Д-5920 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 60/1, хонаи 6 ба Саидов Умедҷон Элмуродович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 11-уми июли соли 2024 таҳти №119362 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ховарон, минтақаи 7, қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба Ҷобиров Ҷаҳоншоҳ Раҳмонқулович додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0522897, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2018 ба Мирзоева Сабрина Миралиевна додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи А№158091, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и шаҳри Норак соли 1991 ба Худжаназаров Оғоназар Холиқназарович додааст, эътибор надорад.

Замимаи гумшудаи дипломи силсилаи ДТО №0241463, ки онро 20 майи соли 2019 ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино ба Саидова Фараҳноз Фурқатуллоевна додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА № 0720255, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №32-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2018 ба Исматов Панҷшер Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи силсилаи АА №0480822 оид ба ақди никоҳ, ки онро шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 6-уми январи соли 2015 ба Исматов Файзулло Убайдулоевич ва Саматова Умеда Сайдулоевна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Саноат сервис» (РМА 010021991), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайд гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «САФИЯИ ХАЙРИДДИН» (РМА 3110002097), бо суроғаи ҳуқуқии ноҳияи Хуросон деҳоти С. Айнӣ, деҳаи Хуросон, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ «Муассисаи рӯзномаи Донишварз» (РМА 220006407, РЯМ 2210002869), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Данғара соли 2013 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Ориё технолог» (РМА 120045210, РЯМ 1210014704), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 9-уми декабри соли 2022 ба қайд гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводи нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 13 сентябри соли 2024, соати 11:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33085 нусха*

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97